Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография

Воқеан, пайдоиши касбҳои нав ва коҳишёбии талабот ба меҳнати содаи ҷисмонӣ, воридшавии зеҳни сунъӣ, автоматикунонӣ ва рақамисозӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ, пайдо гардидани зарурати омӯзиши пайваста ва бозомӯзии кормандон мувофиқи талаботи инноватсионӣ, ҳамзамон, ниёзмандӣ ба танзими оқилона ва нигоҳдории мутахассисони ватанӣ дар дохили кишвар зуҳуроте мебошанд, ки такмили механизми идоракунии бозори меҳнатро дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ талаб менамоянд. Амалияи имрӯзаи бозори меҳнат талаб менамояд, ки барномаҳои таълимии донишгоҳҳо ба талаботи технологияҳои саноатӣ мутобиқ гардонида шаванд, ҷиҳати омода кардани мутахассисон, ҳамкории корхонаҳо ва марказҳои таълимӣ ҷоннок карда шавад. Ҳамзамон, махзанҳои ягонаи ҷойҳои корӣ таъсис дода шуда, коргарони соҳибтахассус дар фазои маҷозӣ муаррифӣ гарданд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он дида мешавад, ки ҷанбаҳои назариявию методологии он ҷиҳати рушди назарияи идоракунии бозори меҳнат ва устуворгардонии заминаҳои

методологии низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон метавонанд истифода гарданд. Моҳияти амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки хулосаю пешниҳодот ва тавсияҳои амалии диссертатсия барои такмили механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон имконияти татбиқшавӣ доранд.

Муаллиф муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар 12 мақолаи илмӣ, ки 8 – тои онро мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ташкил медиҳанд, нашр намудааст.

Дар таҳқиқот таҷрибаи хориҷӣ дар сатҳи зарурӣ омӯхта шуда, ҷиҳатҳои имконпазири он барои истифодабарӣ дар шароити бозори меҳнати вилояти Хатлон тавсия карда шудааст. Аз нигоҳи муаллифи диссертатсия истифода аз таҷрибаи низоми ҷопонии танзими бозори меҳнат (унсурҳои низоми кироаи доимии кадрҳои баландихтисос), унсурҳои низоми аврупоӣ (иштироки иттифоқҳои касаба дар рафти фаъолияти корфармоён ва кормандон), унсурҳои сиёсати фаъоли шуғли Олмон (ҳавасмандкунии корфармоён дар самти васеъ намудани ҷойҳои кории фаъол), унсурҳои низоми танзими бозори меҳнати Британияи Кабир (аз ҷумла равона кардани диққати асосӣ ба омодагии касбии кадрҳо, татбиқи барномаҳо барои ҷавонон, инчунин барномаҳои омӯзиши калонсолон), ки аллакай дар кишвар роҳандозӣ гардидааст, қобили қабул ва бо манфиати рушди бозори меҳнат мебошад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия таҳқиқоти амиқ, хулосаю пешниҳодҳои асоснок ва хусусияти навгонидоштаро дар бар мегирад. Лекин, дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, ки баъзеи онҳо қайд гардиданд, автореферат дорои камбудиҳо низ мебошад. Ба монанди:

1.Хуб мебуд, агар таъсири низоми омилҳои бозори меҳнати вилояти Хатлон, ки дар расми 2 оварда шудаанд, таҳлилу арзёбӣ мегардиданд.

2.Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот баланд мегардид, агар муаллиф моҳияти иҷтимоию иқтисодии механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлонро, ки дар расми 7 таҳия кардааст, пешниҳод менамуд.

Эродҳои ошкоргардида тавсиявӣ буда, метавонанд ҷиҳати беҳтарсозии таҳқиқотҳои муаллиф дар оянда мусоидат намоянд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» таҳқиқи дақиқ ва бааҷомрасида буда, ба муқаррароти амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мебошад.

**Тақриздиҳанда: доктор фалсафа (PhD)**
**аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес –**
**маъмуриятчигӣ, дотсенти кафедраи идораи**
**молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Бобозода А.О.**

Имзои Бобозода А.О.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Саид Носир 33, тел./факс (992 37) 224-31-58, сомона: www.apa.tj

«_____» ____________ соли 2026